# Риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

(ҳисобот аз рӯи мониторинги соли 2008)

Хуҷанд 2009

Мониторинг аз ҷониби Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро» бо дастгирии молиявии Бунёди Миллии Демократия (NЎD) гузаронда шуд.

**Мураттибони ҳисобот:** Самадова Дилрабо
Султонов Равшан
Гулов Рустам

**Тарчумон**: Ҷура Юсуфӣ

Хулоса ва натиҷагириҳо, ки дар ҳисобот зикр гардидаанд, бо назари Бунёди Миллии Демократия (NЎD) метавонанд мувофиқ набошанд.

Теъдод: 150 нусха
Ройгон паҳн мешавад

# МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| | Муқаддима | саҳ.4 |
| 1. | Хулоса | саҳ.7 |
| 2. | Методология | саҳ.8 |
| 3. | Натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда: | саҳ.10 |
| | а) Риояи мўҳлати даъват ва боздошти ғайриқонунии даъватшавандагон | саҳ.10 |
| | б) Риояи ҳуқуқи даъватшавандагон ҳангоми санҷиши тиббӣ | саҳ.17 |
| | в) Ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани шаҳрвандоне, ки мўҳлати даъваташон ба таъхир монда шудааст ё аз хизмати ҳарбӣ озод ҳастанд | саҳ.25 |
| | г) Низоми кори комиссияҳои даъват | саҳ.25 |
| | д) Хизмати алтернативӣ ҳамчун ҳуқуқи озодии виҷдон, эътиқодоти динӣ ва ақида | саҳ.26 |
| 4. | ВАО ва хукуки даъватшавандагон | саҳ.29 |
| 5. | Натиҷаҳо | саҳ.32 |
| 6. | Тавсияҳо | саҳ.35 |
| 7. | Замима | саҳ.37 |

# МУҚАДДИМА

Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи принсипи конститутсионии волоияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ташкили механизми муассири назорати ҷамъиятии риояи ҳуқуқҳои инсонро аз ҷониби мақомоти давлатӣ тақозо доранд. Ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлатӣ, ба ғайр аз маълумоте, ки қонун онҳоро сирри давлатӣ ва ё хизматӣ донистааст, ниҳодҳои давлатӣ, ки фаъолияташон ба ҳуқуқу озодиҳои инсон дахл дорад, аз ҷумла, фаъолияти мақомоте, ки ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ машғул ҳастанд, бояд барои ҷамъият шаффоф бошанд. Ин ба даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ҳам дахл дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълом доштааст:

*«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.*

*Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.»*[1]

---

Тартиби ташкил ва гузарондани даъватро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» (минбаъд Қонуни ҶТ «Дар бораи ӮУҲ ва ХҲ») танзим мекунад. Қонун мӯҳлати гузарондани даъват, тартиби ташкили комиссияи даъват, асосҳои озод кардан ё ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ва ғайраро аниқ муайян кардааст.

Соли 2000 дар Тоҷикистон хизмати шартномавӣ барҳам дода шуд ва ҳоло хизмати ҳарбӣ танҳо ба воситаи даъват сурат мегирад. Ин иқдом ба он хотир пеш гирифта шуд, ки

[1] Моддаи 43 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ихтиёран, ҳатто ба воситаи шартнома ҳам ҳеҷ кас хизмат кардан намехоҳад. Ба он сабаб, ки дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мушкилоти бисёре мавҷуд ҳастанд. Имрӯз гуфтан душвор аст, ки хизмати ҳарбӣ барои ҷавонон мароқовар бошад. Зеро алҳол хизмати ҳарбӣ ба таваккали беасос барои саломатӣ ва ҳаёти худи хизматчиёни ҳарбӣ, поймолшавии ҳуқуқ ва шарафи инсонии онон, инчунин набудани ҳавасмандии моддӣ ва маънавӣ марбут аст. Давлат дарк мекунад, ки агар шаҳрвандонро ба воситаи даъват ҷалб накунад, ба гумон аст, ки артиш мукаммал шавад. Ҳар сол дар ҷумҳурӣ тақрибан 12 ҳазор ҷавон даъват карда мешаванд.

Дар мавсимҳои даъвати баҳорию тирамоҳии соли 2008 аз комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд такрибан 5000 ҷавонон даъват шуданд.

Иҷрои ӯҳдадории умумии ҳарбии шаҳрвандонро дар доираи салоҳиятҳои худ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иҷроиявии маҳалҳо, шахсони мансабдори муассиса, идора ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон таъмин мекунанд.[2]

Мушкили асосии вайрон шудани ҳуқуқи даъватшавандагон ин аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ иҷро накардани вазифаҳои худ аст.

Оммавияти мушкилоти риоя нашудани ҳуқуқи даъватшавандагонро ба ҳисоб гирифта, Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони «Ампаро» аз сентябри соли 2007 фаъолияти хешро оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои даъватшавандагон

[2] Моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисто «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000.

оғоз кард. Дар ин муддат АҲҶ «Ампаро» як қатор корҳоро ба анҷом расонд, аз қабили таҳлили қонунгузорӣ, чопи силсилаи мақолаҳо дар ВАО, пешниҳоди гуфтушуниду мулоқот бо намояндагони ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, чопи китобчаҳои кисагӣ барои ҷавонон ва волидони онон, гузарондани мониторинг, иштироки бевосита дар чорабиниҳои бахшида ба даъват. Мақсади мониторинг таҳқиқи риояи ҳуқуқи даъватшавандагон то ва баъди даъват ба хизмати ҳарбӣ, то кадом сатҳ риоя шудани Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУХ ва ХҲ» аз ҷониби мақомоти босалоҳияти масъули даъват мебошад.АҲҶ «Ампаро» барои ҳамкории муфид ба комиссариати ҳарбии вилояти Суғд дар шахси Қосимов А. У., мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, комиссияҳои шаҳрию ноҳиявии даъват, инчунин раиси комиссияи даъвати вилояти Суғд мўҳтарам Самадов Ш. Д., прокурори ҳарбии вилояти Суғд, инчунин коршиноси гурўҳи мониторингӣ, полковники эҳтиетӣ Бобоҷонов Музаффар Сайдуллоевич арзи сипосу эҳтиром мекунад.

# ХУЛОСА

Вазифаи ҳисоботи мазкур муайян кардани дараҷаи риояи ҳуқуқи даъватшавандагон аз лаҳзаи даъват то фиристода шуданашон ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ мебошад.

Манбаи иттилооте, ки дар ҳисобот мавриди таҳлил қарор гирифтанд, шикояту ахбори аз даъватшавандагон ва волидони онҳо ба АҲҶ «Ампаро» расида, инчунин натиҷаи пурсиши 155 ҷавони синни даъват ва 70 нафар волидони даъватшавандагон мебошад.

Дар асоси шикоят, муроҷиат ва натиҷаҳои пурсиш маълум шуд, ки чунин вайронкунии ҳуқуқ бештар мебошанд:

Боздошти ғайриқонунӣ (облава) 60%

Риоя нашудани ҳуқуқ ҳангоми муоинаи тиббӣ–25 %.

Даъвати шаҳрвандоне, ки вобаста ба таҳсил ҳуқуқи ба таъхир андохтани даъват доранд–8 %.

Вайронкунии ҳуқуқ аз ҷониби комиссияҳои даъват–5%.

Ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани шахсони ноболиғи то 18-сола–2%.

Тавре аз ин рақамҳои оморӣ маълум шуд, риоя нашудани оммавии ҳуқуқи даъватшавандагон боздошти ғайриқонунии онҳо ҳангоми ба ном «облава»-ҳо, инчунин ҳангоми муоинаи тиббӣ мебошад.

# МЕТОДОЛОГИЯ

Мониторинг дар ду давра: аз 15 март то 15 июни соли 2008 ва аз 20 сентябр то 10 декабри соли 2008 гузаронида шуд. Ҷамъоварии фаъолонаи иттилоот оид ба мониторинг аз 1 то 15 апрел ва аз 1 октябр то 30 ноябри соли 2008 сурат гирифт.

Мониторинг дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии масъули даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ гузаронда шуд. Гурӯҳи мониторингӣ бо намояндагони комиссияҳои шаҳриву ноҳиявии даъвати вилояти Суғд, раиси комиссияи даъвати вилояти Суғд, прокуратураи ҳарбии вилояти Суғд ва комиссарони ҳарбии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд вохӯрд. Бояд қайд кард, ки ҳамаи намояндагони зикршудаи ҳокимияти давлатӣ ба корҳои иҷромекардаи АҲҶ «Ампаро» мароқ зоҳир намуданд.

Гурӯҳи мониторингӣ аз ҳисоби ҳуқуқшиносони Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро», ки аз тренингу семинарҳо оид ба тарзи баргузории мониторинги риояи ҳуқуқи инсон гузашта буданд, ташкил шуд.

Дар шаҳру ноҳияҳои зерини вилоят (шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби шумори аҳолӣ интихоб шуданд) мониторинг гузаронда шуд:

1. ш. Хуҷанд;
2. ш. Қайроққум;
3. н. Спитамен;
4. н. Ҷаббор Расулов;
5. ш. Истаравшан;
6. н. Мастчоҳ;
7. ш. Исфара;

8. н. Бобоҷон Ғафуров;

9. ш. Конибодом.

Гурӯҳи фарогир

1. Шахсони синни даъват (155 нафар);

2. Волидони даъватшавандагон (70 нафар);

3. Шаҳрвандоне, ки барои гирифтани маслиҳати ҳуқуқӣ муроҷиат кардаанд (102 нафар);

4. Кормандони нақлиёти ҷамъиятии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ҶММ «Сорбон» (7 нафар);

5. Аъзои комиссияҳои даъват ва кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ (15 нафар);

6. Адвокатҳо ва ҳомиёни ҳуқуқ (12 нафар).

Методҳо:

1. Таҳлили қонунгузорӣ.
2. Мусоҳиба.

## НАТИҶАҲОИ МОНИТОРИНГ

### А) Риояи мӯҳлати даъват ва боздошти ғайриқонунӣ (облава)

### 1. Супурдани даъватнома

Мувофиқи моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ« даъватнома ба даъватшаванда шахсан, бо гирифтани имзояш супурда шавад. Даъватномаҳоро ба шаҳрвандон кормандони комиссариати ҳарбӣ, роҳбарони ҷойи кор, дигар шахсони масъули мизи бақайдгирии ҳарбии корхона, инчунин шахсони масъули мансабдори кори баҳисобгирии ҳарбии ҷамоатҳо месупоранд. Дар даъватномаҳо бояд оқибатҳои ҳуқуқии аз ҷониби шаҳрвандон иҷро накардани талаботи даъват нишон дода шавад[3].

Ҳамзамон мувофиқи банди 22 Низомнома «Дар бораи тартиби даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ» даъватномаҳо ба шаҳрвандон на дертар аз 5 рӯзи ҳозиршавӣ ба минтақаҳои даъват барои гузаштан аз комиссияи даъват супурда шаванд.

Дар рафти супурдани даъватномаҳо ба таҳқиру таҳдиди шаҳрвандон, аъзои хонавода ва хешу табори даъватшавандаҳо роҳ дода мешавад.

*Масалан, шаҳрванд Ӯ, сокини шаҳри Хуҷандро таҳдид карданд, ки агар бародарашро аз Русия барои адои хизмати ҳарбӣ наоварад, нисбати вай парвандаи ҷиноятӣ оғоз мекунанд.*

[3] Моддаи 27 Конуни ЧТ«Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ»

Ба саволи он, ки оё даъватшавандагон, аъзои хонавода ё хешу табори онҳо таҳқиру таҳдид мешаванд, 8 нафар аз 70 волидон мусбат ҷавоб доданд. 51% даъватшавандагони пурсидашуда ҷавоб доданд, ки даъватномаҳоро ба воситаи аъзои хонавода ё хешу таборашон гирифтаанд, 49%-и боқимонда умуман ягон даъватномаро надидаанд.

Бо ин ҳол на фақат даъватшавандагон, балки волидони онҳоро ҳам барои рад кардани гирифтани даъватнома бо ҷалб кардан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳдид мекунанд.

Кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ин ҳодисаҳоро чунин шарҳ медиҳанд, ки волидон барқасдона фарзандони худро аз кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ пинҳон мекунанд.

## 2. Боздошти ғайриқонунӣ ё «облава»

Шаҳрванде, ки бо даъвати (даъватнома)-и комиссариати ҳарбӣ дар мӯҳлати муқарраргӣ бе сабаби узрнок ҳозир намешаванд, аз хизмати ҳарбӣ саркашида ҳисоб меёбанд ва нисбати онҳо:

дар ҳолатҳои ҳалли масъалаи даъват ба хизмати ҳарбӣ ё ҷамъомадҳои ҳарбӣ, инчунин ғайриқонунӣ озод шудан аз хизмати ҳарбӣ ё ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҷавобгарии ҷиноӣ барои саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад;

дар ҳолатҳои дигар–ба ҷавобгарии маъмурӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешаванд.[4]

[4] Моддаи 203 Кодекси ҶТ «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ»

Дар амал чунин аст: кормандони милитсия ва инчунин кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ дар кӯчаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ «облава» мегузаронанд, яъне шаҳрвандонро боздошта, ба комиссариати ҳарбии маҳал меоваранд. Боздошт таваккалан сурат мегирад ва на танҳо «саркашон», балки шахсони даъватнома нагирифта, ё мӯҳлати даъваташон ба таъхир андохта ё аз хизмати ҳарбӣ озод ҳам дастгир мешаванд. Раванди бурдан ба комиссариати ҳарбӣ дағалона сурат мегирад. Баъди бурдан ба комиссариати ҳарбӣ ҷавонон то фаророрасии мӯҳлати фиристодан ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Даъватшаванда баъди ногаҳон овардан ба комиссариатҳои ҳарбӣ бе тайёрии пешакӣ, ки аксари ҳолат ҳуҷҷатҳои дар бораи саломатияшро дар даст надорад, мавриди муоинаи тиббӣ қарор мегирад. Дар натиҷаи чунин муоинаи тиббӣ аксаран даъватшаванда қобили хизмати ҳарбӣ дониста мешавад ва комиссияи даъват нисбати ӯ қарори дахлдор қабул мекунад. Баъд худи ҳамон рӯз даъватшавандагон ба маркази ҷамъомади комиссияи даъвати вилоятӣ бурда мешаванд ва пеш аз фиристодан ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ аз муоинаи тиббӣ мегузаранд. Пас аз 1-3 рӯз баъди муоина дар комиссияи даъвати вилоятӣ шаҳрвандони даъватшуда ба қӯшунҳо фиристода мешаванд. Дар аксари маврид ба даъватшудаҳо имкон дода намешавад, ки бо хешовандонашон хайрухуш кунанд, чизҳои заруриро то қисми ҳарбӣ расиданро (хӯрок, собуну дандоншӯяк ва ғ.) гиранд, ё дар сурати норизо будан аз қарори комиссияи даъват ба суд муроҷиат кунанд. Ҳатто дар сурати мавҷуд

будани қаламу қоғаз ҳам ҷавони даъватшуда ба суд муроҷиат карда наметавонад, зеро кормандони комиссияи даъват ӯро маҷбуран дар комиссияҳои даъвати шаҳру ноҳияҳо нигоҳ медоранд, ки хилофи моддаи 24 Конститутсияи ҶТ оид ба озодии интихоби равуо мебошад.

Қонунгузории ҷорӣ, ки имкони боздошти шаҳрвандони аз баҳисобгирии ҳарбӣ ва даъват ба хизмати ҳарбӣ саркашидаро пешбинӣ кардааст (Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ») ба мақомоти корҳои дохилӣ салоҳият надодааст, ки «саркашон»-ро дар ҳар куҷо дастгир карда, ба ҷамъомадҳои марбут ба даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳозир намоянд. Боздошти маъмурӣ тадбири маҷбуркунии маъмурӣ ба ҳисоб рафта, тибқи қоидаҳои муқарраркардаи Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ амалӣ мешавад.

Ин масъала мувофиқи моддаи 256 Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ танзим мешавад, ки дар он, аз ҷумла, қайд шудааст:

1. Маҷбуран овардан танҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор сурат мегирад, ки кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ чунин салоҳият надоранд.

2. Маҷбуран овардан танҳо барои ба тартиб даровардани протоколи маъмурӣ сурат мегирад, на барои фиристодан ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ. Маҷбуран овардан бе нияти тартиб додани протокол, ҳамчунин овардан бо мақсадҳои дигар (масалан, бо мақсади гузаронидани маъракаҳои даъват: муоинаи тиббӣ, маҷлиси комиссияи даъват, гусел ба ҷойҳои адои хизмати ҳарбӣ) худи ин оварданро ғайриқонунӣ мегардонад;

3. Ҷойи овардани шаҳрванде, ки нисбати ӯ муроҷиати хаттии комиссари ҳарбӣ дар бораи кофтуков мавҷуд аст, танҳо ***<u>бинои хизматии мақоми корҳои дохилӣ (милитсия) ё</u>***

***<u>бинои мақоми худидоракунии маҳаллии деҳот</u>*** мебошад. Овардан ба бинои комиссариати ҳарбӣ ё комиссияи даъват ғайриқонунӣ аст;

4. Овардан танҳо аз ҷониби ***<u>шахсони мансабдори мақоми корҳои дохилӣ (милитсия)</u>*** ва танҳо дар сурати муроҷиати комиссари ҳарбӣ ҳамчун шахси масъули тартиб додани протокол оид ба вайронкунии ҳуқуқи маъмурӣ мумкин аст. Овардан аз ҷониби шахсони дигар (масалан, кормандони комиссариати ҳарбӣ) ва дар асосҳои дигар ғайриқонунӣ аст.

Боздошти маъмурӣ маҳдуд кардани кӯтоҳмуддати озодиҳои шахс аст. Ба мисли овардан боздошт ҳам аз ҷониби шахси мансабдори мақоми корҳои дохилӣ[5] дар ҳолати муроҷиати комиссари ҳарбӣ сурат мегирад.

Мувофиқи моддаи 258 Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи боздошти маъмурӣ протокол бояд тартиб дода шавад. Боздошти шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, ***<u>набояд аз се соат</u>*** зиёд бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бинобар зарурияти махсус санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати дигари боздошти маъмуриро таъйин накарда бошанд. Бо гузашти ин мӯҳлат боздоштшуда бояд озод карда шавад.

Дар ягон ҳолати овардани «саркашон» тартиби мурофиавии маъмурӣ риоя нашуда буд.

Ҳангоми пурсиши волидони даъватшавандаҳо 20 нафар аз 70 нафар пурсидашудагон ҷавоб доданд, ки фарзандони онҳо «облава» шуда буданд.

---

[5] Моддаи 259 Кодекси ҶТ «Дар бораи хуқуқвайронкунии маъмурӣ»

Аз пурсиши даъватшавандаҳои ҳар ду маъракаи даъват маълум шуд, ки 44, 5%-и пурсидашудагон ё 69 нафар аз 155 нафари пурсида ба «облава» дучор шуданд. Ҳамчунин ҳолатҳое ошкор шуданд, ки баъзе даъватшавандагон бе гузаштан аз комиссияҳои даъвати шаҳру ноҳияҳо бевосита ба комиссияи даъвати вилоятӣ оварда шудаанд–3 нафар волидон чунин изҳор доштанд.

Ҳамчунин ба қабулгоҳи ҷамъиятӣ барои гирифтани маслиҳат оид ба масъалаи «облава» 17 нафар муроҷиат карданд (ҷамъи муроҷиаткунандагон 102 нафар буд)

## 3. Мӯхлати даъват чӣ гуна риоя мешавад?

Тибқи моддаи 22 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ соле ду бор сурат мегирад: маъракаи баҳории даъват аз 1 апрел то 31 май ва маъракаи тирамоҳии даъват аз 1 октябр то 30 ноябр. Даъват дар асоси фармони Президенти ҶТ оғоз мешавад. Мӯҳлатҳои даъват аз ҷониби қонунгузор аниқ карда шудаанд, ки кам ё зиёдшавии ин мӯҳлат танҳо бо роҳи ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда сурат мегирад.

Аммо ба ин манъкунии қонунгузорӣ нигоҳ накарда, 2 июни соли 2008 аз маркази матбуоти Вазорати мудофиаи ҶТ иттилоъ доданд, ки аз сабаби натиҷаҳои хеле ногувори даъвати баҳорӣ мӯҳлати даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ то 15 июн дароз карда мешавад. Бо вуҷуди он ки қонун мӯҳлатҳои даъватро аниқу дақиқ муайян кардааст, мӯҳлати даъвати баҳорӣ 15 рӯз дароз карда шуд.

Дар давраи ин 15 рӯзи дарозкардаи даъват аз ҷониби комиссияҳои даъват бо мақсади иҷрои нақша ҳуқуқҳои даъватшавандагон дағалона вайрон карда шуданд.

*Масалан, дар ноҳияи Мастчоҳи вилояти Суғд баъди дароз кардани мӯҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ 7 нафар донишҷӯёни омӯзишгоҳи омӯзгорӣ мавриди боздошти ғайриқонунӣ қарор гирифтанд ва ҳарчанд бино бар таҳсил мӯҳлати даъват ба хизматашон қонунан ба таъхир андохта шуда буд, ба хизмати ҳарбӣ фиристода шуданд. Донишҷӯёни омӯзишгоҳи омӯзгориро дар бинои омӯзишгоҳ дастгир карданд, ки ҳуқуқҳояшон дағалона поймол гардид. Баъди шикоят аз болои комиссияи даъвати ноҳияи Мастчоҳ 5 нафар аз 7 нафар донишҷӯёни боздоштшуда аз хизмати ҳарбӣ баргардонда шуданд.*

Ғайр аз ин ҳолатҳои то оғози маъракаи даъват ба комиссариатҳои ҳарбӣ даъват намудан ба чорабиниҳои марбути даъват ба назар мерасанд, ки ғайриқонунӣ ҳастанд. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» огоҳ кардани шаҳрвандон бо даъватномае, ки бо гирифтани имзо аз ҷониби муассисаҳои истифодаи манзилҳо, соҳибхонаҳо, ҷамоатҳо, шўъбаҳои кадрҳои корхонаву муассисаҳо сарфи назар аз тарзи моликият ба даъватшавандаҳо супурда мешавад, сурат мегирад.

Даъватномаҳо ба даъватшавандагон на дертар аз 5 рӯзи мӯҳлати даъват шуданашон ба минтақаҳои даъват барои гузаштан аз комиссияи даъват супурда шаванд. Аммо дар амал супурдани даъватномаҳо ба даъватшавандагон барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ дар маъракаи даъвати баҳорӣ, ки яке аз чорабиниҳои даъват аст, аллакай аз миёнаи моҳи март шурӯъ шуд.

*Масалан, даъватшаванда А., аз шаҳри Исфара барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ, ки яке аз чорабиниҳои даъват аст, аллакай 20 марти соли 2008 даъват шуда буд. Даъватшаванда бояд 27 марти соли 2008, яъне 3 рӯз то оғози маъракаи даъват ҳозир мешуд.*

## Б) Риояи ҳуқуқи даъватшавандагон ҳангоми муоинаи тиббӣ

Риоя нашудани ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми муоинаи тиббӣ яке аз шаклҳои паҳншудаи ҳуқуқвайронкунӣ дар гузаронидани чорабиниҳои даъват мебошад. Ҷавонони бемор, ки бояд бино бар вазъи саломатӣ ҳуқуқи озод будан ё ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват дошта бошанд, ба хизмати ҳарбӣ лоиқ дониста мешаванд.

Таҷриба нишон дод, ки шаҳрвандон дар бораи асосҳои тиббие, ки барои ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ё озод будан аз он ҳуқуқ медиҳанд, иттилоъи кам доранд, зеро намедонанд, ки дар кадом санадҳо ин ҳуқуқ сабт шудааст ва чӣ гуна бо он аснод шинос метавон шуд. Ин санад вуҷуд дорад ва барои ҳамаи шаҳрвандон қонунан боз аст, аммо дар амал ба шаҳрвандон дастрас нест. Ин ҳуҷҷат Номгӯи

бемориҳо мебошад. Тибқи пурсиш 95%-и даъватшавандаҳо аз мавҷудияти ин санад хабар надоранд. Кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ин санадро, ки дараҷаи қобил буданро ба хизмати ҳарбӣ муайян мекунад, бо баҳонаи ҳуҷҷати дохилӣ ва танҳо барои истифодаи хизматӣ буданаш аз шаҳрвандон пинҳон мекунанд.

Дар вақти маъракаи тирамоҳии даъвати соли 2007 Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро» ба комиссариати ҳарбӣ илтимос кард, ки чунин маълумотро пешниҳод кунад:

1. Шумораи даъватшавандагон, ки дар маъракаи тирамоҳии даъвати соли 2007 ба нақша гирифта шудааст.

2. Нусхаи рӯихати бемориҳое, ки дараҷаи ба хизмат қобил будани даъватшавандагонро муайян мекунад.

Комиссариати ҳарбӣ чунин ҷавоб дод:

«Комиссариати ҳарбии вилоят муассисаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва мувофиқан ҳамаи маълумоти мо барои созмони ғайриҳукуматии Шумо махфӣ ба ҳисоб мераванд».

Ҳамин тариқ Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро» дар бораи миқдори даъватшавандагон ва рӯйхати бемориҳо, ки тибқи он ба шаҳрвандон маслиҳатҳо доданӣ буд, маълумот гирифта натавонист.

Худи ҳамон рӯзи гирифтани ҷавоби расмӣ аз комиссариати ҳарбӣ дар сайти расмии оҷонсии иттилоотию таҳлилии «Варорӯд»[6] мақолаи ҷонишини комиссари ҳарбии вилояти Суғд Эҳсон Ғанихӯҷаев чоп шуд ва ӯ иттилоъ дод, ки миқдори даъватшавандагони маъракаи тирамоҳии соли

---

[6] Оҷонсии иттилоотии «Варорӯд», «Нақшаи даъвати тирамоҳӣ 100 фисад иҷро шуд». www. varorud. Tj.

2007, ки дар вилояти Суғд ба нақша гирифта шудааст, 2000 нафар мебошад. Ҳарчанд тибқи ҷавоби ба АҲҶ «Ампаро» ирсолшуда ин сирри давлатӣ дониста мешуд.

Ба ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ хоҳиш надоштани комиссариати ҳарбӣ ба он оварда мерасонад, ки даъватшавандагон аз ҳуқуқҳои худ ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла, бемориҳое, ки тибқи онҳо метавонанд хизмати ҳарбиро ба таъхир андозанд ё озод бошанд, маълумот пайдо карда наметавонанд. Ин боиси вазнин шудани ҳолати риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ мегардад. Рӯйхати маълумотеро, ки сирри давлатӣ ба ҳисоб меравconfigureанд, Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» муайян мекунад.

Таҳлили ин қонун нишон дод, ки Рӯйхати бемориҳо сирри давлатӣ нест.[7] Ҳамчунин шаҳрвандон ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилооте доранд, ки бевосита ба худи онҳо дахл мекунад. Бино бар ин маълумоте, ки бевосита ба даъватшавандагон дахл дорад, махфӣ шуда наметавонад.

Ҳар шаҳрванд ҳуқуқи дастрасии иттилоот дорад, ин ҳуқуқи конститутсонии ӯ мебошад. Танҳо иттилооте, ки сирри давлатӣ ба ҳисоб меравад, дар ин маврид истисност. Ҳуҷҷате, ки барои истифодаи хизматӣ аст ва дар бораи бемориҳое, ки оид ба таъхир андохтан ё озод кардан аз хизмати ҳарбӣ асос мешаванд, сирри давлатӣ ба ҳисоб намеравад.

Ҳолатҳое ҳам буданд, ки кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ ҳуҷҷатҳои тиббиро аз даъватшавандагон ва волидони онҳо қабул кардан намехоҳанд. Агар қабул кунанд ҳам духтурони комиссияҳои тиббӣ ташхиси гузаштаи

[7] Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ», моддаи 5.

ҳамкасбони муассисаҳои тиббии новобаста аз комиссариатҳои ҳарбии худро ба инобат намегиранд ва агар чунин қарорҳо мавҷуд бошанд ҳам, корманд бо илтимоси волидон низ маводи парвандаи шахсиро намедиҳад.

*Ба қабулгоҳи ҷамъиятӣ барои маслиҳат модари даъватшавандае, ки писарашро ба хизмати ҳарбӣ фиристодаанд, муроҷиат намуд. Ҳангоми муоинаи тиббӣ ҷавон ҳамаи санадҳои тиббиеро, ки беморияшро тасдиқ мекарданд, пешниҳод кардааст. Ғайр аз ин, худаш ҳам беморияшро изҳор дошт. Аммо аъзои комиссия на ба ҳуҷҷатҳо бовар карданду на ба суханони ҷавони бемор. Баробари гусел ӯ ба госпитал афтод ва зиёда аз 4 моҳро он ҷо гузаронд. Баъди табобат дар госпитали ҳарбӣ даъватшавандаро аз хизмати ҳарбӣ бино бар вазъи саломатияш озод карданд.*

Ҳолатҳои гум шудани санадҳои тиббие, ки мавҷудияти бемориро тасдиқ мекунанд, бисёранд. Даъватшавандагон нусхаи асли ҳуҷҷатҳои тиббиро месупоранд ва баъди гум шудан имконияти исботи бемории инсон аз байн меравад. Яке аз сабабҳои ин ҳолат он аст, ки даъватшавандагон ҳуҷҷатҳоро бе сабти қайди шахси мансабдоре, ки санадҳоро қабул кардааст, месупоранд. Ва аз сабаби он, ки нусхаҳои асли ин санадҳоро ба комиссияи муоинаи тиббӣ даъватшавандагон пешниҳод мекунанд, баъди гум шуданашон, имкони барқарор карданашон нест.

Шахсони мансабдори комиссариатҳои ҳарбӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳодии даъватшавандагонро рад кунанд, ё бе сабти қайд қабул намоянд. Махсусан, ин ҳолат нисбати аксҳои рентгенӣ бештар рӯй медиҳад. Мувофиқан, қарори қабулшуда беасос ҳисоб мегардад. Роҳи ягона дар ин ҳолат муроҷиат кардан ба суд аст, хеле мушкиловар аст, зеро парвандаҳо то суд намерасанд. Сабаби асосии ин ҳолат он аст, ки маърифати ҷавонони даъватшаванда ва волидони онҳо оид ба мавҷудияти воситаҳои ҳуқуқии ҳимоя хеле паст аст.

Мушкилоти дар ин боб баёнгашта, ниҳояти кор ба он оварда мерасонанд, ки ба хизмати ҳарбӣ шахсони аз ҷиҳати саломатӣ ноқобил ҷалб карда мешаванд. Қувваҳои мусаллаҳ аз ҳисоби ҷавононе пур мешаванд, ки қобилияти иҷрои пурраи ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбиро надоранд. Касалиҳои доимии кӯҳнаи онҳо зуд-зуд хурӯҷ мекунанд ва минбаъд ҷавонон барои ҷамъият нолозим мешаванд. Дар муддати 10 рӯзи аввали хизмат бисёр даъватшавандагон бино бар вазъи бади саломатияшон ба госпиталҳо меафтанд.

*Охири соли гузашта газетаи «Азия-Плюс» муроҷиати аскар Шариф Каримовро зери сарлавҳаи «Қисмати аскар» («Судьба солдата», «АП», №45, аз 8.11.07) чоп кард. Ҷавон ба сафи артиши тоҷик даъват шуда буд ва баъди 8 моҳи хизмат ба бемории сил гирифтор гардид. «Маро дар бозори Корвон, ки он ҷо кор мекардам, ҳангоми «облава» дастгир карданд. Ман гуфтам, ки саломатиям бад аст ва ба хизмат мувофиқ нест. Ҳарчанд дар ҳисоби ҳеҷ ҷо намеистодам, аммо ҳис мекардам, ки сил дорам. Фикр мекардам, ки комиссияи тиббӣ мегузаронанду худашон бовар мекунанд. Вақте ки акси рентгенӣ бардоштанд, дар он доғҳои сафеде баръало намоён буданд (дар бачаҳои дигар чунин доғҳо вуҷуд надоштанд), духтурон дар бораи сиҳатӣ ё касалиям чизе нагуфтанд, хомӯш буданд»,–навиштааст ӯ дар муроҷиатномааш.*

Муоинаҳои тиббӣ бо вайрон кардани қонунгузории ҷорӣ сурат мегиранд. Шаҳрванд ҳангоми қайди аввалияи ҳарбӣ ва вақти даъват (ё қабул) шудан ба хизмати ҳарбӣ аз муоинаи чунин духтурони мутахассис гузарад: духтури амрози даруни, ҷарроҳ, рӯҳшинос, равоншинос, чашм, дуртури гӯш гулӯ ва бинӣ, дандонпизишк ва дигарҳо гузарад. Мувофиқи Қонун ва Низомномаи тайёрӣ ва гузарондани даъвати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ ва ба эҳтиёт ҷавоб додани хизматчиёни ҳарбие, ки хизматро дар асоси даъват адо кардаанд, муайян шудааст, ки миқдори духтуроне, ки барои муоина заруранд, набояд аз 7 нафар духтури тахассуси муайян кам бошад[8].

Пурсиш нишон дод, ки миқдори духтуроне, ки дар муоинаи тиббӣ иштирок мекунанд, аз 3 то 7 нафар аст.

Аммо мушкили асосии даъватшавандагон ва волидони онҳо вобаста ба муоинаи тиббӣ он аст, ки духтурон аксар мавридҳо шикояти даъватшавандаҳо ва санадҳои тиббияшонро оид ба вазъи саломатӣ ба инобат намегиранд ва дар натиҷа оид ба қобили хизмати ҳарбӣ будан қарори нодуруст қабул мекунанд.

Чунончӣ, барои мисол, 24 нафар аз 70 нафар волидони пурсида ҷавоб доданд, ки духтурони комиссияҳои даъват

---

[8] Моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи ӮУҲ ва ХҲ»

ҳангоми қабули қарори қобили хизмат будан ё набудан тасдиқномаҳоро дар бораи вазъи саломатии фарзандонашон ё шикояти онҳоро ба инобат гирифтан намехоҳанд. Байни даъватшавандагон ин ҳолатро 17,4% тасдиқ карданд.

Ба таъхир андохтан ё озод кардан аз хизмати ҳарбӣ мувофиқи рӯйхати бемориҳое сурат мегиранд, ки даъватшавандагон ба он ҳеҷ дастрасие надоранд.

**В) Даъвати шаҳрвандоне, ки мӯҳлати даъваташон ба таъхир афтодааст ё даъватшаванда ба ҳисоб намераванд.**

Натиҷаҳои мониторинг нишон доданд, ки баъзан чорабиниҳои даъват нисбати шаҳрвандоне татбиқ мешаванд, ки мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» мӯҳлати хизмати ҳарбияшон ба таъхир мононда шудааст. Ҳангоми даъвати баҳорӣ дар ҳолатҳои бисёре донишҷӯён ё писарони ягонаи хонавода, ки мӯҳлати хизматашон ба таъхир андохта шудааст, барои муоинаи тиббӣ ба комиссияи даъват даъват карда шуданд, ҳол он ки вақти анҷоми таъхири даъваташон ба поён нарасида буд, яъне таҳсилро давом медоданд. Дар ин маврид Қонун «Дар бораи ўҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», ки гузарондани чорабиниҳои даъватро баъди анҷоми мӯҳлати таъхир таъйин кардааст, вайрон мешавад. Дар баъзе ноҳия ва шаҳрҳои вилояти Суғд ҳолатҳои даъвати шахсоне, ки бино бар таҳсил дар мактабҳои таълимоти умумӣ ва касбию техникии миёна мӯҳлати даъваташон то итмоми таҳсил ба таъхир мононда шудааст, ба қайд гирифта шуд.

Шаҳрванди синни аз 18 то 27-сола даъватшаванда ҳисоб меёбад. Бо вуҷуди ин маҳдудияти синнусолӣ комиссариатҳои ҳарбӣ ба Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон шахсонеро даъват мекунанд, ки аз доираи ин синну сол берун ҳастанд.

*Даъватшаванда Ю., истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд моҳи апрели соли 2008 дастгир ва ба комиссариати ҳарбии шаҳри Хуҷанд оварда шуд, ки он ҷо қариб як шабонарӯз нигоҳаш доштанд.*
*Баъд маълум шуд, ки шаҳрванд Ю. Ноболиғ, талабаи мактаби хамагони ва писари ягона дар хона буд, ки мувофиқи Қонун аз адои хизмати ҳарбӣ озод аст.*

Баъзан амалиёти даъват (облава) аз ҷониби комиссариатҳои ҳарбӣ ва комиссияҳои даъват нисбати шахсоне сурат мегирад, ки хизматашон ба таъхир гузошта шудааст, ё даъватшаванда ба ҳисоб намераванд. Барои мисол чанд даъватшавандаеро меорем, ки ба қабулгоҳи ҷамъиятии ҳуқуқӣ, ки дар давраи гузаронидани мониторинг амал мекард, муроҷиат намуда буданд.

*Шаҳрванди Федератсияи Русия, ки ба дидани хешовандонаш ба шаҳри Қайроққум омада буд, дастгир ва ба комиссариати ҳарбӣ оварда шуд. Кормандони комиссариати ҳарбӣ ба шикоятҳои ӯ, ки шаҳрванди Русия аст, эътибор надоданд. Баъди 3 соати боздошт дар комиссариати ҳарбӣ кормандони комиссариат шаҳрванди ФР-ро ҷавоб доданд.*
*Шаҳрванд К.-и 28-соларо кормандони комиссариати ҳарбии шаҳри Хуҷанд дар ҷои кораш, бозори Панҷшанбе дастгир карданд ва ба комиссияи даъват оварданд, ки он ҷо ӯро баъди муайян кардани синну сол ҷавоб доданд.*

Мувофиқи моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» ба таъхир андохтани мўҳлати даъват нисбати шаҳрвандони зерин иҷозат дода шудааст: онҳое, ки бинобар вазъи саломатӣ муваққатан ғайри қобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд,–ба мўҳлати то як сол, онҳое, ки ба нигоҳубини узви оилае, ки ба кўмаки дигар кас эҳтиёҷ дорад, машғул ҳастанд, онҳое, ки як кўдаки бемодар мондаашонро тарбия мекунанд, онҳое, ки ду ва ё зиёда фарзанд доранд, онҳое, ки модарашон ғайр аз онҳо ду ва зиёда аз он фарзанди ноболиғ дошта, бешавҳар тарбия менамояд, онҳое, ки нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ кушода шудааст, ё ин ки мувофиқи ҳукми суд мўҳлати ҷазоро адо карда истодаанд. Ғайр аз ин, шаҳрвандони зерин барои ба таъхир андохтани мўҳлати даъват ҳуқуқ доранд: вакилони халқ, донишҷўёни мактабҳои олӣ, ки бори аввал дар шўъбаҳои рўзона таҳсил менамоянд, талабаҳои муассисаҳои таълимии маълумоти миёнаи умумӣ ва миёнаи касбӣ, то гирифтани маълумоти пурра вале на калонтар аз 21-сола, аспирантҳо ва дигарон.

*Масалан, барои даъватшаванда Р. даъватнома барои ҳозир шудан ба комиссариати ҳарбӣ вақте омад, ки ў дар пахтачинӣ буд. Ҳол он ки ў донишҷўи мактаби олӣ буд ва бо ин сабаб ҳуқуқи ба таъхир андохтани хизмати ҳарбиро дошт.*

## Г) Вайрон кардани низоми кори комиссияхои даъват

Мувофиқи қонун бояд дар маҷлиси комиссияи даъват инҳо иштирок кунанд: раиси комиссияи даъват, муовини ў–

комиссари ҳарбӣ, духтур–роҳбари кори муоинаи тиббӣ, намояндаи мақомоти идораи маориф, намояндаи мақомоти корҳои дохилӣ, хидмати шуғли аҳолӣ ва котиб. Мониторинг нишон дод, ки вайронкуниҳои ин низом мисли пешина васеъ паҳн шудаанд.

Мувофиқи қисми 6 моддаи 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи ЎУҲ ва ХҲ» раиси комиссияи е муовини ў даъват қарори нисбати даъватшаванда қабулшударо ба ў эълон мекунад ва бо талаби шаҳрванд нусхаи қарорро ба ў медиҳад.

Мушкил он аст, ки кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ кўшиш мекунанд, ки бо ҳар роҳ нусхаҳои қарори комиссияҳои даъватро ба шаҳрванд надиҳанд. Нусхаҳои қарор дар ҳолати беҳтарин баъди даҳ рўз дода ё умуман дода намешаванд.

Мувофиқи қонунгузорӣ даъватшаванда метавонад аз болои қарори комиссияи даъвати ноҳиявӣ ба комиссияи даъвати болоӣ, яъне ба комиссияи даъвати вилоятӣ шикоят кунад. Ҷавоб ба шикоятҳо хеле дер меояд ё умуман намеояд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба шикояти қарорҳо ва амалиёти ғайриқонунии шахсони мансабдор, ки масъули чорабиниҳои даъват мебошанд, вайрон карда мешавад.

## Д) Хизмати алтернативӣ ҳамчун ҳуқуқ ба озодии виҷдон, дин ва эътиқодот

Ҳуқуқи даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ бинобар эътиқодот чун қисми ҷудоинопазири мафҳуми ҳуқуқ ба озодии ақида, виҷдон, дин мебошад, ки Эъломияи ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон эътироф кардаанд.

Соли 1987 Комиссияи ҳуқуқи башари СММ резолютсияи 1987/46-ро қабул кард, ки дар он даст кашидан аз хизмати ҳарбӣ бинобар эътиқодоту виҷдон ҳамчун «Ҳуқуқи қонунии амалӣ кардани озодии ақида, виҷдон ва эътиқоди динӣ» муайян мешавад. Ин тавсиф дар қатъномаҳои қабулкардаи Комиссияи СММ дар солҳои 1989, 1993 ва 1995 боз тасдиқ шудааст.

Дар тафсири умумии № 22 (48) моддаи 18 Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки моҳи июли соли 1993 қабул шудааст, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон бо ақидаи Комиссия розӣ шуд ва изҳори бовар кард, ки «… ин ҳуқуқ аз моддаи 18 бармеояд, зеро ӯҳдадории истифодаи силоҳи марговар ба озодии виҷдон ва ҳуқуқи пайравӣ кардан ба дину эътиқоди худ мухолиф аст». Дар тавсияҳои соли 1987 ҳамчунин ҷиддӣ даъват шудааст, ки «ҳукуматҳои давлатҳои аъзо бояд қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқии худро…» ба ин принсипҳои муҳимтарин мутобиқ созанд.

Дар конститутсияҳои баъзе кишварҳои аврупоӣ ҳуқуқи хизмати алтернативӣ ҳуқуқи конститутсионии ҳар шаҳрванд ҳисобида шудааст, аммо дар Тоҷикистон ин ҳуқуқ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» баён шудааст. Қонун мегӯяд: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад мутобиқи қонун ба ҷои адои хизмати ҳарбӣ хизмати алтернативӣ адо намояд. Тартиби адои хизмати алтернативиро қонун муайян мекунад:

Қонунгузории ҷорӣ ба ҳар кас ҳуқуқи адои хизмати алтернативӣ медиҳад, аммо амалан он номумкин аст, зеро ҳанӯз парламони Тоҷикистон қонуни махсусеро, ки тартиби адои хизмати алтернативиро танзим кунад, қабул накардааст. Алҳол ин ҳуқуқи мо «хобида» аст. Чунин ҳолат

ҳуқуқи ҳар касро ба озодии виҷдон, дин ва эътиқодот вайрон мекунад, ки онҳоро шартномаҳои байналмилалӣ кафолат додаанд.

Моддаи 10 Конститутсияи ҶТ муайян кардааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эътиқодоте, ки мувофиқи онҳо шаҳрванд ҳуқуқи саркашӣ кардан аз хизмати ҳарбиро дорад, сухан намеравад, ҳамчунин, асосҳои адои хизмати алтернативӣ муайян карда нашудааст.

Афсӯс, ки муносибати давлат ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалияш дар дараҷаи паст қарор дорад.
Ана чунин буд вокуниши Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон баъди аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудани маърӯзаи миллӣ. Кумита чунин эроду тавсияҳоро пешниҳод кард:

> *Кумита изҳори нигаронӣ мекунад, ки кишвари аъзо ҳуқуқи даст кашидан аз хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои мусаллаҳ бинобар эътиқодоти виҷдонашон эътироф намекунад (моддаи 18-и Паймони байналмилалии ҳуқуқҳои сиёсию шаҳрвандӣ).*

*Ба кишвари аъзо зарур аст то тамоми чораҳоро дар мавриди эътирофи ҳуқуқи он шахсоне, ки бино бар эътиқодоти виҷдонӣ аз хидмат кардан дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ даст мекашанд ва аз хизмати ҳарбӣ озод шудан мехоҳанд, қабул намояд.*

Алҳол кӯшишҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барои пешниҳоду баррасии қонуни хизмати алтернативӣ ба парламони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасанд.

## ВАО ВА ҲУҚУҚИ ДАЪВАТШАВАНДАҲО

Дар рафти маъракаи даъвати соли 2008 васоити ахбори умум яке аз иштироккунандагони фаъоли он буданд. Инъикоси фаъолона ва фаврии масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи даъватшавандаҳо нақши ВАО-ро дар ҳимояи ҳуқуқи инсон равшантар нишон дод. Таҳлили инъикоси мушкилоти даъватшавандагон дар васоити ахбори омма чунин нишон дод: дар давраи аз марти соли 2008 то январи соли 2009 оид ба мавзӯи ҳуқуқи даъватшавандагон ва хизмати ҳарбӣ дар сафҳои Артиши Тоҷикистон 105 мақола чоп шудааст. Мавзӯъҳо ҳам ба вайрон шудани ҳуқуқи даъватшавандагон, ҳам вазъи адои хизмати ҳарбӣ бахшида шуда буданд.

Мақолаҳо дар ҳафтаномаҳои «Азия-Плюс», «Варорӯд», «Согдийская правда», «Суғд ҳақиқати»,

«Нигоҳ», «Суғд», инчунин дар саҳифаҳои Интернет ба табъ расиданд.

Ба воситаи ВАО оид ба фаъолияти Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони «Ампаро» (дар ҳафтаномаи «Нигоҳ») чоп шуд.[9]

Мақола ба масъалаи ҳуқуқ ва ӯҳдадории даъватшавандаҳо, мушкилоти гузаштани муоинаи тиббӣ, вайрон кардани низоми даъват бахшида шуда буд. Мақола ба фаъолнокии аҳолӣ сабаб гардид, ки ба ин хеле зиёд шудани муроҷиати шаҳрвандон оид ба вайрон кардани ҳуқуқи даъватшавандаҳо аз тарафи комиссариатҳои ҳарбӣ исбот шуда метавонад. На танҳо даъватшавандаҳо, балки волидон ва хешовандони онҳо низ муроҷиат мекарданд. Дар муқоиса бо солҳои гузашта анъанаи фаъолшавии аҳолӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои худ ба воситаи ВАО зиёд шудааст. Бисёр ҳомиёни ҳуқуқ чунин меҳисобанд, ки ВАО ҳуқуқвайронкуниҳоро пешгирӣ мекунанд ва ба мансабдорони давлатӣ имкон медиҳанд, ки иштибоҳоти худро ислоҳ кунанд. Як мисолеро оид ба муроҷиати шаҳрвандон тариқи васоити ахбори омма меоварем.

> «27 май соати 16.00 назди хона одамони либоси низомипӯш чанд нафар наврасонро маҷбуран савор карда, ба самти номаълум бурданд, ки дар байнашон писари ман ҳам буд. Соати 17.00 писарам аз комиссариати ҳарбии ноҳияи Рӯдакӣ занг зад ва маълум шуд, ки онҳоро тариқи «облава» боздошт кардаанд. Корманди комиссариати ҳарбӣ бо ман гуфтугӯ кард ва дар бораи таҳсили фарзандам тасдиқнома талаб кард. Писари ман дар курси сеюми донишкада мехонад. Намояндагони комиссариатҳои ҳарбӣ дар ВАО даъво доранд, ки аз ҷониби онҳо қонуншиканӣ нест, вале дар амал ҳамааш баръакс аст».

[9] А

Ин муроҷиати падари ҷавон буд, ки муаллими мактаб аст. Чунин муроҷиатҳо хеле бисёр буданд. Ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалияи «облава» ҳаст. «Азия-Плюс» пурсиши ҳафтагии аҳолӣ гузаронд.

Аз натиҷаҳои пурсиши ҳафтаномаи «Азия-Плюс» аз 14 майи соли 2008 маълум гардид, ки 47%-и овоздодагон писарони худро ба хизмати артиши тоҷик фиристоданӣ нестанд, зеро ин ба онҳо чизе намедиҳад; 39,5% омода ҳастанд, ки писарони худро ба артиш фиристанд, ба шарте ки низому тартиб дар артиш барқарор шавад;  8,8% ҷавоб доданд, ки фиристоданианд, аммо на писари худро; ва танҳо 4,6% раъйдодагон «Ҳа» ҷавоб доданд ва гуфтанд, ки артиш мактаби мардонагист.

Пурсиш кайфияти шаҳрвандонро оид ба ин масъала нишон медиҳад. Муҳим аст, ки ҳар кас дар мамнӯъ шудани амалияи ҳуқуқвайронкунӣ на танҳо ҳангоми даъват, балки ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ ҳам ҳисса гузорад.

Ҳафтаномаи «Суғд» мақолаеро бо сарлавҳаи «Дониишҷӯёнро низ ба хизмати ҳарбӣ даъват карда истодаанд»[10] чоп кардааст.

---

[10] «Суғд», №23 (346) аз 7 июни соли 2008 «Донишҷӯёнро низ ба ҳарбӣ даъват карда истодаанд».

Ҳодисаҳои ба хизмати ҳарбӣ ҷалб кардани донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ мушоҳида мешаванд. Мақола барои он муҳим буд, ки маъмурияти донишгоҳу омӯзишгоҳҳоро ба таҳлили ҳамаҷонибаи мавзӯъ дар ҳамкорӣ бо комиссариатҳои ҳарбӣ талқин мекард.

АҲҶ «АМПАРО» тӯли соли охир дар мавзӯъҳои гуногун 16 мақола бо сарлавҳаҳои «Иҷрои нақша бо ҳар усул», «Ҳуқуқи ба таъхир андохтани таъхири хизмат. Ман ҳам ҳуқуқ дорам», «Ҳамааш аз нав сар мешавад?», «Хизмати алтернативӣ» ва ғайра чоп кард.

Дар матбуот масъалаҳои хизмати алтернативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати алтернативиро адо карда метавонад. Аммо, афсӯс, ки ин ҳуқуқ амалӣ намешавад, зеро ки қонуни танзимкунандаи ин масъала мавҷуд нест. Қонунгузор хомӯш аст, ин ба иҷрокунандагон халал мерасонад.

## НАТИҶАГИРӢ

**Баёни мухтасар:**

Мониторинги «Риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ» аз ҷониби Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони «АМПАРО» гузаронида шуд.

Омилҳои асосии мусоидат кардани вайронкунии ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, сатҳи хеле пасти иттилооти шаҳрвандон дар бораи ҳуқуқҳояшон ва воситаҳои ҳимояи онҳо, инчунин амалияи нодурусти истифодабарии ҳуқуқ, аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва

шахсони мансабдор риоя нашудани меъёрҳои ҷории ҳуқуқӣ мебошад. Доираи калони ҳуқуққои конститутсонии қисми зиёди аҳолӣ: аз ҳуқуқи озодии равуо то ҳуқуқи ҳимояи судӣ, ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқи таҳсил вайрон карда мешавад.

**Заминаи ҳуқуқӣ:**

Умуман қонунгузорие, ки даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбиро танзим мекунад, дар сурати аз ҷониби комиссариатҳои ҳарбӣ ва комиссияҳои даъват иҷро шуданашон ба дараҷаи кофӣ риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро кафолат медиҳанд. Сабаби асосии вайрон шудани онҳо аз тарафи мақомоте, ки салоҳияти татбиқи даъват ба ўҳдаашон гузошта шудааст, иҷро накардани муқаррароти қонунгузорӣ мебошад. Сабабгори асосии вазъияти рухдода амалияи манфии ҳуқуқистифодабарӣ, аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва шахсони мансабдори онҳо риоя нашудани меъёрҳои ҷории ҳуқуқӣ аст. Аксар вақт даъватшавандаҳоро ба вазъияти илоҷнопазирашон талқин мекунанд, ҳарчанд воситаҳои зиёди илоҷи ҳуқуқии вазъият мавҷуд мебошанд.

Чун одат мақомоти прокуратура ба ҳодисаҳои вайрон шудани ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ зуд вокуниш нишон медиҳанд.

**Назорати ҷамъиятӣ:**

Набудани назорати доимии мустақил, камии таваҷҷўҳ ва назорат аз ҷониби аҳли ҷомеа низ ба вайрон кардани ҳуқуқи инсон мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои мониторинг шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи даъват аз назари ҷамъият пўшида аст, комиссарони ҳарбӣ ба

кӯшишҳои ҷорӣ кардани назорати ҷамъиятӣ ба фаъолияти онҳо аз ҷониби аҳли ҷамъият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври манфӣ муносибат мекунанд. Вобаста ба ин, натиҷаҳо шаҳодат медиҳанд, ки назорати ҷамъиятиро аз болои даъват бо роҳи ташаккули механизмҳои мавҷудаи таҳти назорати ҷамъият будани мақомоти ҳокимияту идораи амаликунандаи даъват пурзӯр кардан мумкин аст.

**Озодии равуо:**

Системаи даъвате, ки алҳол дар Тоҷикистон мавҷуд аст, дар заминаи модели тоталитарии шӯравӣ ташкил шудааст, ки баъди соҳиби истиқлол шудани ҷумҳурӣ ҳам тағйир наёфтааст ва боиси вайрон шудани оммавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон мегардад.

Натиҷаҳои мониторинг нишон медиҳанд, ки усулҳои ғайриқонунии боздошт ва бурдан (облава)-и шаҳрвандон ба комиссариатҳои ҳарбӣ истифода мешаванд, ки вайронкунии ҳуқуқи озодии равуо ба ҳисоб мераванд. Баъзе тағйироти мусбат дар ин соҳа кам бошад ҳам, мушоҳида мешаванд ва қобили қайд аст, ки вақтҳои охир чорабиниҳо оид ба маҷбуран овардани шаҳрвандон, яъне облава, кам гузаронида мешаванд ва чун солҳои гузашта хусусияти оммавӣ надоранд.

**Маълумотнокии аҳолӣ:**

Тавре натиҷаҳои мониторинг нишон медиҳанд, маърифати ҳуқуқии даъватшавандаҳо ва волидони онҳо дар сатҳи паст қарор доранд, ки ба дағалона вайрон шудани ҳуқуқҳои онҳо мусоидат мекунад. Маҳз бесаводии ҳуқуқӣ ва тарсу бим дар назди шахсони мансабдор ба зиёд шудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи даъвати шаҳрвандон ба хидмати ҳарбӣ мусоидат мекунад ва дар баъзе ҳолатҳо, тавре

баъзе волидони даъватшавандаҳо ҳангоми пурсиш иқрор шуданд, ба зуҳури ҳодисаҳои коррупсия, иръоб, таҳдид ва фиреби даъватшавандаҳо ва волидони онҳо аз ҷониби кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ сабаб мегардад.

Аз ин рӯ, маълумотнокии аҳолӣ махсусан шахсони синни даъват ва волидони онҳо дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва механизмҳои мавҷудаи ҳимояи онҳо яке аз муҳимтарин вазифаҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар давраи даъват ба хизмати ҳарбӣ мебошад.

## ТАВСИЯҲО:

**Бо мақсади такмили қонунгузорӣ:**

–ниҳоди хизмати алтернативӣ ҷорӣ карда шавад;

–ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шавад ва иштироки намояндагони аҳли ҷамъият (бахши шаҳрвандӣ) дар ҳайъати комиссияҳои даъват ҳатмӣ гардад;

–муоинаи мустақили тиббӣ ҷорӣ шавад, то даъватшавандаҳо ҳангоми розӣ набудан бо қарори комиссияи даъвати ноҳиявию шаҳрӣ ё вилоятӣ ба он муроҷиат кунанд.

**Бо мақсади тағйири амалия:**

–комиссияҳои тиббӣ барои муоинаи босифати тиббӣ бо воситаҳои моддии техникӣ таъмин карда шаванд;
–таъмини иҷрои бечунучарои тартиби муқарраркардаи қонун оид ба расондани даъватномаҳо ба шаҳрвандоне, ки ба даъват ба хизмати ҳарбӣ лоиқ ҳастанд, аз тарафи кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ;
–дар комиссариатҳои ҳарбӣ, дар биноҳои комиссияҳои даъват ва дар марказҳои ҷамъомад оид ба ҳуқуқҳои даъватшавандаҳо аз ҷумла, ҳуқуқи шикояти қарорҳои комиссияҳои даъват варақаҳо часпонда шаванд;
–шахсони мансабдоре, ки ба ғайриқонунӣ боздошт кардан ва ба комиссариатҳои ҳарбӣ овардани даъватшавандаҳо гунаҳкоранд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;
–ба даъватшавандагон имконият дода шавад, ки бо маводи парвандаи шахсии худ шинос шаванд;
–меъёри қонунгузорӣ оид ба эълон кардани қарор ва додани нусхаи қарори комиссияи давлатӣ ба ҳар даъватшаванда аз ҷониби раиси комиссияи даъват риоя карда шавад;
–қарорҳои комиссияҳои даъват ва тиббӣ нисбати даъватшавандаҳое, ки ба комиссияҳои ҳарбӣ ба тариқи маҷбурӣ ва бо иштироки кормандони комиссариатҳои ҳарбӣ оварда шуда буданд, беэътибор дониста шаванд;
–кори муассисаҳои тиббӣ, комиссариатҳои ҳарбии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо оид ба сифати баланд гузаронидани муоинаҳои тиббӣ, кори табобатию солимгардонии наврасони 14-15-сола фаъол карда шавад;
–ба низоми бақайдгирии ҳарбӣ бо дарки муҳимияти масъалаи бақайдгирии ибтидоии ҳарбӣ барои маъракаҳои ояндаи даъват диққати махсус дода шавад.

## Замима:

Таҳлили васоити ахбори омма оид ба инъикоси масъалаҳои даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ.

| № | Рузнома ва сайтхо | № | Сана | Ном ва мундаричаи мухтасар |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Азия плюс | №12 (426) | 19.03.08 | «Солдат умер от туберкулёза» |
| 2 | www.asiaplғs.tj | | 01.04.08 | В РТ начался весенний призыв |
| 3 | www.http/nўw.mail.қғ/politics/1678199 | | 28.03.08 | Объявлен очередной призыв в ряды Таджикской армии. |
| 4 | www.top.com | | 14.05.08 | Контрактники служащие в армии Казахстана , Киргизстана, Таджикистана вновь смогут рассчитывать на прибавку к окладам. |
| 5 | www.asiaplғs | № 20 (434) | 14.05.08 | Опрос населения на тему «Вы отдали бы сына служит в таджикскую армию» 47%-нет,это ему ничего не даст, 39%-да если бы там навели порядок, 8.8%-отдал бы, но не своего, 4.6%- да, это школа мужества. |
| 6 | www.toқj.com | | 13.06.08 | Облава. О том какова ситуация с облавой в Таджикистане. |
| 7 | Азия плюс | | 16.06.08 | Облава-2008. Как идет очередной призыв в таджикскую армию |
| 8 | www.hқt.tj | | июнь 1-15 | Сотрудники военного комиссариата устроили облаву студентов в педагогическом колледже Матчинского р-на. |
| 9 | www.Asiaplғs.tj/aқўa/50.html | | 20.06.08 | Передвижение и дислокация войск по территории страны определяется не криминальными авторитетами, а правительством - Ш. Хайруллоев. |
| 10 | www.Asiaplғs.tj/nўws/61/3151html | | 02.05.08 | В РТ начался весенний призыв на военную службу. |
| 11 | www.As | | 17.09.08 | Президент РТ подписал указ о |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | iaplғs.tj.nӯws/61/29852.html | | | призыве на ВС. |
| 12 | www.Vaқоқғd.tj/indӯҷ.php?option=com.contӯnt | | 25.06.08 | Дар Шимоли Точикистон нисбат ба сардори мизи харби бо гумони гирифтани пора кори чинои огоз шудааст. |
| 13 | www.Stan.tv/nӯws/5383 | | | Интервью Д.Самадовой о ситуации с призывом граждан на военную службу (АМЮ «Ампаро»). |
| 14 | Азия плюс | № 23 (437) | 4.06.08 | «Объявлено охота?» |
| 15 | Азия плюс | №23 (437) | 4.06.08 | «Призывники не спешат в армию». |
| 16 | Азия плюс | №25 (439) | 18.06.08 | «В Таджикистане официально завершилась весенняя призывная компания в ряды ВС РТ». |
| 17 | Сугд | №23 (346) | 7.06.08 | «Донишчуенро низ ба хизмати харби даъвати харби даъват карда истодаанд». |
| 18 | Нигох | № 1 (068) | 27.03.08 | «Хобхо бедор, мастхо хушер шавед, Ампаро меояд!» |
| 19 | Согдийское правда | №26 (15584) | 29.03.08 | Решение председателя Согдийской области от 27.03.08г.х.№92 об очередном призыве граждан 1981-90 г.г.р на ВС в апреле мае 2008 г. |
| 20 | Согдийская правда | №28 (15586) | 5.04.08 | «Ради плана любой ценой» |
| 21 | Согдийская правда | №37 (150605) | 07.05.08 | «Первый шаг к воинской обязанности» |
| 22 | Согдийская правда | №38 (15606) | 10.05.08 | По данным УВД, в Канибадаме задержан еще один искатель легких денег. Сорокатрехлетний житель занимался тем, что «освобождал от армии призывников» |
| 23 | Согдийская правда | №43 (15611) | 28.05.08 | «Право на отсрочку от армии. Имею право!» |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 24 | Согдий ская правда | №44 (1561 2) | 31.05.08 | «Право на освобождение от призыва на военную службу» |
| 25 | Согдий ская правда | №49 (1561 7) | №48 (15616) | «Все только начинается?» |
| 26 | Вароруд | №11 (301) | 12.03.08 | «Мужчины умирают раньше женщин» |
| 27 | Вароруд | №13 (303) | 26.03.08 | «Натичахои мониторинги соли 2007» |
| 28 | Вароруд | №16 (306) | 16.04.08 | «Ичрои накша бо хар усул?» |
| 29 | Вароруд | №23 (313) | 04.06.08 | «Призывная кампания в Таджикистане продлена». |
| 30 | Вароруд | №24 (314) | 11.06.08 | «Хамла ба омузишгох» |
| 31 | Вароруд | №23 (313) | 04.05.08 | «Гурез, ки мекапанд». |
| 32 | Вароруд | №26 (316) | 25.06.08 | «Хамааш аз нав сар мешавад?» |
| 33 | Вароруд | №(26 ) | 25.06.08 | «Кучост адолат?» |
| 34 | Вароруд | №26 | 25.06.08 | «Аз вароруд» |
| 35 | Согдий ская правда | №36 (1560 4) | 03.05.08 | «Первый шаг к воинской обязанности» |
| 36 | Согд Правда | №44 | 31.05.08 | «Право на освобождение от призыва на ВС» |
| 37 | Согд Правда | | 14.06.08 | «Всё только начинается» |
| 38 | Азия Плюс | №29 | 16.07.08 | «Погиб таджикский пограничник» |
| 39 | Газета Согд | №18 (341) | 05.05.08 | «Оё чавонон ба хизмати харби бо хохиши худ мераванд?» |
| 40 | Согд | №14 (337) | 07.04.08 | «Облава» аз кай огоз мешавад? |
| 41 | Согд | №19 (342) | 12.05.08 | Шабакахои барки аз «лимит» ва комисиариати харби аз «Облава» бехабаранд?<br>Ё чаро моро фиреб медиханд? |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 42 | Варору д | №34 (324) | 20.08.08 | Чавонон ва фардои нигаронкунандаи Точикистон Кимориддин Насимов афсари кушунхои сархади |
| 43 | Согдий ская правда | №68 (1563 6) | 23.08.08 | ОСО готовит для армии призывников |
| 44 | Азия плюс | 35 (449) | 27.08.08 | Неуставными отношениями руководил прапорщик? |
| 45 | Ленина бадская правда | №77 (1564 5) | 24.09.08 | Решение председателя Согдийской области № 314 |
| 46 | www.As iaplгs-tj\allnўw s-html | | | «В Таджикистане где призывная комиссия стартует 2 октября, образована комиссия по организации осеннего призыва в ВС». |
| 47 | Хучанд ИА хабар | | 05.10.08 | Первую отправку призывников составили добровольцы. Из 300 т человек были отправлены по Хатлону. Ш. Самадов Открыл и поздравил. Касимов отметил что военных частях есть все бытовые условия. |
| 48 | Азия плюс | № 40 (454) | 30.10.08 | «В РТ стартует призывная комиссия в рядах ВС РТ». |
| 49 | Азия плюс | №40 (454) | 30.10.08 | «Ген прокурор взял дело под личную контролю». |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 50 | Азия плюс | № 41 (455) | 08.10.08 | «Чтобы служба в армии была долгом и честью» |
| 51 | Варору д | №42 (332) | 15.10.08 | «Муоинаи тибби-тадбири мухимтарин даъват». |
| 52 | Сугд | №41 (364) | 11.10.08 | «Чавонони Исфара ихтиери ба хизмати харби мераванд».<br>40 солдаты добровольно отправились на службу. |
| 53 | Варору д | №42 (332) | 15.10.08 | «Зафарobод накшаи аскарсупориро ичро кард, вале .....»<br>Зафарабад выполнил план по отправке в рядах ВС на 100 процент , из них 40 человек добровольно явились. |
| 54 | Азия плюс | №39 (453) | 24.09.08 | |
| 55 | Азия плюс http://asiaplrs.tj/allnўws/indўч-67.html | 1.11.08 (14.50) | | «В Согде при получении взятки задержан военнослужащий таджикских погранвойск». |
| 56 | Азия плюс(сайт) http://asiaplrs.tj/allnўws/indўч-67.html | 31.10.08(14.48) | | «Солдат срочной службы в Аштском районе свел счеты с жизнью». |
| 57 | Азия плюс http://asiaplrs.tj/allnўws/ | 10.11.08 | | При получении взятки задержан заместитель Пянджского райвоенкомат. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | indўҷ-<br>62.html- | | | |
| 58<br>. | Согдий<br>ская<br>правда | №94<br>(1566<br>2) | 22.11.08 | «Призывная комиссия; «Без 600 дол. Не получится» |
| 59 | Согдий<br>ская<br>правда | №92<br>(1566<br>0) | 15.11.08 | Защитники Родины. |
| 60 | Согдий<br>ская<br>правда | №90 | 08.11.08 | «Существуют уклонисты? Выноваты.....» |
| 61 | Сугд<br>хакикат<br>и | № 91 | 12.<br>11.08 | «Буйин товловчилар борми? Гунахкорлар ким?» |
| 62 | Сугд<br>хакикат<br>и | №94 | 22.11.08 | «Ватанпарвар ешлар куриги» |
| 63 | Вароpу<br>д | №46<br>(336) | 12.11.<br>08 | «Накшаи даъват ба артиш 80% ичро шудааст». |
| 64 | Вароpу<br>д | №43<br>(336) | 12.11.08 | «Саркашонро чи интизор аст?» |
| 65 | Азия<br>плюс | №46<br>(460) | 12.11.08 | «200 дол за полгода отсрочки» |
| 66 | Азия<br>плюс | №46 | 12.11.08 | «Призывников по осени посчитали» |
| 67 | www.As<br>iaplrs.tj/<br>aқўa/2.h<br>tml | | | «Пострадавший от неуставных отношений военнослужащий в Согде, переведен из реанимационного отделения». |
| 68 | www.As<br>iaplrs.tj/<br>allnўws/<br>indўҷ- | | 27-11-08 | «Минобороны Таджикистана предлагают сократить срок службы в армии до 1.5 лет». |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 13.html | | | |
| 69 | Азия плюс | № 50 | 10.12.08 | Опрос: Каким должен быть срок службы в Таджикской армии?<br>Армия должна стать наемной-48.9%<br>все равно служить не буду -25.8%<br>не более полутора лет-21.8%<br>два года, как и сейчас-3.5% |
| 70 | Согдийская правда | № 99 | 10.12.08 | Призыв завершен, план выполнен. Очередной призыв граждан на ВС по Согдийской области успешно завершен. |
| 71 | Нигох | № 37(104) | 04.12.08 | «Чонишини комиссар ба даст афтод» |
| 72 | Нигох | № 37 | 04.12.08 | « «Облава» мушкилосонкунии камбагал» |
| 73 | Азия плюс | №50 | 10.12.08 | «Армейский срок: два в одном?» |
| 74 | Газета СССР | | 18.12.08 | «Сарбози Ватан ва боч барои дезертирство» |
| 75 | Азия-плюс | № 52 | 24.12.08 | «Снова о призыве в армию» |
| 76 | Азия-плюс | №52 | 24.12.08 | «Побыл рядового, заплати штраф!» |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 77 | http://www.cўntқasia.қғ/nўwsA.php?st=1179905340 | | 23.05.07 | Служба в таджикской армии: альтернатива есть? |
| 78 | http://www.ca-oasis.info/oasis/?jқn=96&id=718 | # 24 | 12/2008 | Призыв и права |



**Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон «Ампаро»**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд

28 мкр-н, хонаи №1, ҳуҷраҳои 212, 214

Телефон: (+992 3422) 51289

ў-mail: ngo_ampaқo@mail.қғ

wўӣ-sitў: www.ampaқo-joӣ.tj